**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 18-уми феврали соли 2023** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 тахкиқоти диссертатсионии Мирзоев Қобилҷон Холмуродовичро дар мавзуи «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (роҳбари илмӣ: **Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), пешниҳод шудааст, ҳамчунин тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Абдуҳамитов Валиҷон Абдухалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия–Тоҷикистон; **Қурбонзода Беҳрӯз Шариф** – ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Азиззода У.А., Назаров А.Қ., Сафарзода А.И., инчунин муқарризи ғайрирасмӣ Ализода З.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳ будан, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Мирзоев Қобилҷон Холмуродович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Мирзоев Қобилҷон Холмуродович дар мавзуи «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Мирзоев Қобилҷон Холмуродович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Мирзоев Қобилҷон Холмуродовичро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раисикунанда, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршох А.М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**